## ТАҚРИЗИ

**мукарризи расмӣ ба диссертатсияи Абдусамадзода Бахтулло Абдулмароб дар мавзӯи “Шароитҳои педагогии таъмин намудани муҳити тандурустӣ ва ташаккули тарзи ҳаёти солим дар хонандагони синфҳои ибтидоӣ” барои дарёфти дараҷаи илмии номзади илмҳои педагогӣ аз рӯйи ихтисоси 13.00.01 – педагогикаи умумӣ, таърихи педагогика ва таҳсилот (илмҳои педагогӣ)**

**Мубрамии мавзӯи тахқиқот.** Диссертатсияи номзадии мазкур, ба таҳқиқи муаммои шароитҳои педагогии таъмин намудани муҳити тандурустӣ ва ташаккули тарзи ҳаёти солим дар хонандагони синфҳои ибтидоӣ бахшида шудааст.

Сохибрисола мавзӯи барои ҷомеаи муосири Тоҷикистон ниҳоят мубрамро мавриди баррасӣ қарор додааст, ки бо мушкилоти доғи рӯз, аниктараш таъмин намудани муҳити тандурустӣ ва тарбияи тарзи ҳаёти солим дар хонавода ва МТМУ, вобастагӣ дорад.

Дар рисола, зимни баррасии масъалаи таъмин намудани муҳити тандурустӣ ва тарбияи тарзи ҳаёти солим маводи зиёди назариявӣ мавриди таҳқиқ қарор гирифта, дар асоси таҳлили муқоисавии андешаҳои муҳаққиқони ватанию хориҷӣ таъмин намудани муҳити тандурустӣ ва тарбияи тарзи ҳаёти солим ҳамчун ҷузъи таркибии ташаккули фарҳанги тандурустӣ омӯхта шудааст, ки ин дар қисми назариявии кор равшан намудор мегардад. Дар мазмуни қисми назариявии кор фикри шахсии муҳаққиқ назаррас аст, ки ин аз ворид будани ӯ ба моҳияти аслии масъала, кӯшиши дарёфти роҳҳои ҳалли он далолат менамояд.

Зимни омӯзиш ва таҳлили диссертатсияи Абдусамадзода Бахтулло муайян карда шуд, ки ӯ мувофиқи ҳадафҳои дар назди худ гузоштааш аз ҷиҳати илмӣ акидаҳои олимони ватанию хориҷиро тадкик намуда, нақши тарзи ҳаёти солимро дар ташаккули шахсияти хонандагони синфҳои ибтидоӣ, ки сабабҳояш ба сатҳи саломатии одам таъсир мерасонад, шарх додааст.

Муаллиф дар бораи шаклгирии тарзи ҳаёти солим дар хонандагон ба сифати масъалаи педагогӣ, дуруст қайд кардааст, ки дар синни кӯдакию наврасӣ инсон суръати тези инкишофи ҷисмониро аз сар мегузаронад, ки он аз паси худ инкишофи равонию ақлӣ, ахлоқию иродавии ӯро таъмин менамояд. Фаъолияти асабҳо, узвҳои нафаскашӣ, гардиши хун ва устухону мушакҳо такмил ёфта, тансиҳатӣ, солимии равонию ҷисмонӣ пайгирӣ карда мешавад. Тандурустии инсон 60% ё бештар аз тарзи ҳаёт (ғизо, парҳез, фаъолияти ҷисмонӣ, сатҳи ҳаяҷону изтироб, одатҳои бад ва рафтори харобкунанда) вобаста аст. Аз ин лиҳоз, таъмин ннамудани тарзи ҳаёти солим, ки ба нигоҳ доштани тандурустӣ, пешгирии бемориҳо ва тақвияти организми инсон нигаронида шудааст, ниҳоят зарур аст.

Тарафи мусбии кори таҳқиқотии Абдусамадзода Бахтулло дар он аст, ки зимни омӯхтан, таҳлил намудани тадқиқотҳои илмии олимони хориҷию ватанӣ, заминаҳои назариявию амалӣ, таҷрибаи МТМУ, имконияти таъмин намудани муҳити тандурустиро дар ташаккули тарзи ҳаёти солим дар хонандагони синфҳои ибтидоӣ муайян намудааст, дар асоси таҳлили таҳқиқотҳои илмии психологӣ - педагогӣ аҳамияти банақшагирӣ ва истифодаи технологияҳои муосири таъмин намудани муҳити тандурустӣ, ташаккули тарзи ҳаёти солимро дар асоси баҳисобгирии принсипҳои умумии педагогӣ-психологӣ нишон дода муайян кардааст, ки тандурустӣ масъалаи тиббӣ-психологӣ буда, таъмин намудани он муносибати комплексиро талаб мекунад.

Арзишмандии татқиқоти мазкурро бо таври зайл арзёбӣ намудан мумкин аст:

- дар муқаддима дастгоҳи илмии таҳқиқот пайдарҳам ва дуруст пешниҳод карда шудааст;
- тасмим гирифта шудааст, ки таъмини муҳити тандурустӣ ва ташаккулдиҳии тарзи ҳаёти солим дар хонадагони синфҳои ибтидоӣ дар ташаккулёбии шахсияти инсон нақши муҳим дорад;

- дар боби аввали рисола масъалаҳои назариявӣ ва методологии мавзӯи таҳқиқотӣ арзёбӣ гардидааст, ки он ба иҷрои корҳои илмӣ - таҳқиқотӣ ҷавобгӯй аст;

- муаллиф аз таҳқиқотҳои олимони кишварҳои дигар хеле хуб истифода бурда, ба усули таҳлилу муқоисакунӣ арзишмандии онҳоро дар кори худ таъкид намудааст;

- маълумоти оморӣ исбот намуд, ки таъмини муҳити тандурустӣ ва ташаккулдиҳии тарзи ҳаёти солим дар хонадагони синфҳои ибтидоӣ мувофики максад мебошад.

- методикаҳои интихобшуда ба мақсад ва вазифаҳои таҳқиқотӣ мувофиқат менамоянд. Натиҷагирӣ аз истифодаи методикаи таҳқиқотӣ дар ҷадвал, диаграмма ва расмҳо ифода ёфтаанд ва ҳамаи далелҳо ба таври оморӣ таҳлилу баррасӣ гардидаанд;

- таҳлили назариявии масъала ва натиҷагирӣ аз таҳқиқоти амалӣ, ки онҳо дар таъмини муҳити тандурустӣ ва ташаккулдиҳии тарзи ҳаёти солим дар хонадагони синфҳои ибтидоӣ арзишманд хоҳад буд, иброз карда шудааст.

Натиҷаҳои имии диссертатсия ба талаботҳои бандҳои 10, 11, 12, 14, 16-и Тартиби додани дараҷаҳои илмӣ ва унвонҳои илмӣ (дотсент, профессор) Комиссияи олии аттестатсионии назди Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон ҷавобгӯ мебошанд.

Рисолаи номзадии Абдусамадзода Бахтулло хусусияти эҷодкориро доро буда, фарогири ҷанбаҳои гуногуни таъмини муҳити тандурустӣ ва ташаккулдиҳии тарзи ҳаёти солим дар хонадагони синфҳои ибтидоӣ мебошад. Натиҷагирӣ ва муқоисаи маводҳои оморӣ дар диссертатсия нишон медиҳад, ки муаллиф соҳиби тафаккури илмӣ буда, маҳорати иҷрои амалҳои мураккаби фикриро дорост.

Рисолаи мазкур дорои натиҷаҳои навини илман асоснокгардида, доир ба таҳлили проблемаҳои таъмини муҳити тандурустӣ ва

ташаккулдиҳии тарзи ҳаёти солим дар хонандагони синфҳои ибтидоӣ мебошад, ки дарак аз саҳми шахсии муаллифи он медиҳад.

Ҳамин тавр, натиҷаҳои таҳқиқоти гузаронидашуда оид ба проблемаҳои таъмини муҳити тандурустӣ ва ташаккулдиҳии тарзи ҳаёти солим дар хонадагони синфҳои ибтидоӣ, ки дар ҷадвалу диаграммаҳо оварда шудааст, ҷолиби диққат мебошад, ки вобаста ба объекти омӯзиш ба роҳ монда шуда, аз таҳлили оморӣ математикӣ ва коррелятсионӣ иборат аст, ки хоси таҳқиқоти педагогӣ - психологӣ мебошад.

**Сатҳи асоснокӣ ва боэътимодии натиҷаҳои илмӣ (нуктаҳои илмӣ), хулосаҳои унвонҷӯ.**

Асоснокӣ ва боэътимодии натиҷаҳои таҳқиқоти диссертатсионӣ дар бобҳо, зерфаслҳо ва методҳои таҳқиқотии мутобиқгардонидашуда инъикоси худро ёфтаанд. Диссертатсия аз муқаддима, ду боб, хулоса, рӯйхати адабиёти истифодашуда ва замима иборат аст. Асосҳои назариявии таҳқиқоти диссертатсияро таҳқиқотҳои илмӣ - назариявии олимони хориҷию ватанӣ вобаста ба проблемаҳои назариявӣ ва амалии таъмини муҳити тандурустӣ ва ташаккулдиҳии тарзи ҳаёти солим дар хонадагони синфҳои ибтидоии МТМУ ташкил дода, онро масъалаи мураккаб ва печидаю гуногунҷабҳаи психологӣ–педагогӣ донистa, зарурияти муносибати тафриқавиро нисбати он тақозо менамояд.

**Сатҳи навгонии натиҷаҳои илмӣ (нуктаҳои илмӣ), хулосаҳои унвонҷӯ, ки дар диссертатсия баён гардидаанд.**

Мавзӯи "Шароитҳои педагогии таъмин намудани муҳити тандурустӣ ва ташаккули тарзи ҳаёти солим дар хонандагони синфҳои ибтидоӣ" дар Ҷумҳурии Тоҷикистон дар сатҳи диссертатсионӣ бори аввал мавриди омӯзиши илмӣ қарор гирифтааст. Дар баробари омӯзиши диссертатсияи мазкур, ба хулоса омадан мумкин аст, ки муҳаққиқ ба мақсадҳои гузоштааш ноил гардидааст. Нукта ва хулосаҳои илмии дар диссертатсия пешниҳодшуда, аз диди илмӣ навгонӣ эътироф карда шуда,

метавонад аз тарафи кормандони МТМУ ҳангоми кор бо хонандагон мусоидат кунад.

**Эродҳо оид ба мазмун ва шакли диссертатсия.**

Дар диссертатсияи тақризшаванда дар баробари муваффақиятҳои зиёд баъзе камбудию норасоиҳо низ роҳ ёфтаанд, ки зикри чанде аз онҳо барои такмили минбаъдаи диссертатсия хеле муфиданд:

1. Яке аз эродҳое, ки зикраш, аз нигоҳи мо зарур, аст инъикос наёфтани таҳқиқотҳои олимони кишвар дар диссертатсия мебошад.
2. Дар фуровард ва ҷамъбасти нати□а□ои диссертатсия ба □ои истило□и “Хулосаҳои умумӣ” тиб□и му□аррарот “Хулосаҳои асосӣ” навиштан зарур аст.
3. Дар баъзе саҳифаҳои кори диссертатсионӣ хатогиҳои имлой, мантиқӣ ва техникӣ ба назар мерасад, ки ба таҳриру тасҳеҳ ниёз доранд.

Бояд қайд кард, ки камбудиҳои ошкоршуда ба мазмуну муҳтаво ва аслияти кори диссертатсионӣ таъсир намерасонанд ва арзиши илмии онро инкор намекунанд. Кори диссертатсионӣ анҷомёфта буда, мақолаҳои нашрнамудаи муаллиф ба мазмуни рисола мувофиқат мекунанд.

**Баҳои ягонаи дохилӣ ва аҳамияти натиҷаҳои таҳқиқот барои ҳалли проблемаҳои мубрами дахлдор, вазифаҳои назариявӣ ё амалӣ**

Рисола ягонагии дохилиро доро буда, методҳое, ки дар раванди таҳқиқот истифода бурда шудаанд, сифати мусбии диссертатсияро ифода намуда, онро метавон минбаъд дар таҳқиқотҳои илмӣ вобаста ба объекти омӯзиш мавриди истифода қарор дод. Ҳамчунин маводҳои дар тадқиқоти диссертатсионӣ пешкашшударо метавон ҳангоми ташкили раванди таълиму тарбия дар МТМУ, хамкории омӯзгорон, волидон ва табибон ба таври самарабахш истифода бурд. Диссертатсия кори илмӣ - тахассусии анҷомёфта буда, натиҷаҳои он барои таъмини муҳити тандурустӣ ва ташаккулдиҳии тарзи хаёти солим дар хонадагони

синфҳои ибтидоии МТМУ нақши муҳим дорад. Диссертатсия ба ихтисоси 13.00.01. – педагогикаи умумӣ, таърихи педагогика ва таҳсилот (илмҳои педагогӣ) рабт дорад.

Нуктаҳои илмӣ, натиҷаҳои таҳқиқоти илмӣ ва хулосаҳои диссертатсия дар мақолаҳо, аз он ҷумла дар нашрияҳои тақризшавандаи Комиссияи олии аттестатсионии назди Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон, ки рӯйхати онҳо дар автореферати диссертатсия дарҷ гардидаанд, интишор шудаанд. Нашрияҳое, ки дар онҳо натиҷаҳои таҳқиқоти диссертатсионӣ интишор гардидаанд, дар худи диссертатсия, хулосаи он ва автореферат дарҷ гардидаанд.

Автореферат пурра муҳтавои диссертатсияро дар бар мегирад ва дар он натиҷаҳои асоси, ки дар бобҳо, зерфаслҳо ва зербандҳои таҳқиқоти диссертатсионӣ дарҷ гардидаанд, мутобиқат менамояд.

Диссертатсияи муҳаққиқ Абдусамадзода Бахтулло Абдулмароб ба талаботи тартиби додани дараҷаҳои илмӣ ва унвонҳои илмӣ (дотсент, профессор) Комиссияи олии аттестатсионии назди Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон, ки бо Қарори Ҳукумати Ҷумҳурии Тоҷикистон аз 26 ноябри соли 2016, таҳти №505 тасдиқ шудааст, пурра мувофиқат мекунад ва муаллифи он барои дарёфти дараҷаи илмии номзади илмҳои педагогӣ шоиста аст.

**Муқарризи расмӣ: номзади илмҳои педагогӣ,**
**декани факултети филологияи Донишкадаи омӯзгории**
**Тоҷикистон дар ш.Панҷакент** **Мақсудов Зафар Очилдиевич**

**20.09.2021с.**

**Суроға:** 734000,Ҷумҳурии Тоҷикистон. ш.Панҷакент,хиёбони Рӯдакӣ. 108. Тел.: +992(92) 347554050. Моб. 92-7546189

*Имзои З.О.Мақсудовро тасдиқ мекунам.*

*Мудири шуъбаи кадрҳои Донишкадаи омӯзгории*
*Тоҷикистон дар шаҳри Панҷакент* *Тоҳирова У.*